## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи "Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насриддини Тӯсӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа. шаҳри Душанбе, 2026. – 472 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Сулаймонов Б.С. ба шиносномаи ихтисоси илмӣ 6.3.2. – Таърихи фалсафа пурра мувофиқат мекунад. Дар диссертатсия муаллиф доир ба масъалаҳои муҳимми илмӣ назариявӣ пардохтааст. Мавзуи рисола дар партави пешниҳодҳое, ки Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар барои ташкили маркази фарҳанги ориёӣ намуданд ва пешниҳодҳое, ки ҳоло нисбати ташкили он дида истодаанд, аҳаммияти боз ҳам бештар пайдо мекунад. Илова бар ин, таҳқиқи фалсафаи Форобӣ ва Насриддини Тӯсӣ ба воситаи низому равиши мантиқӣ, метавонад фалсафаи ин ду мутафаккири барҷастаро дар муқоиса ба таври аниқу саҳеҳ ва дар сатҳи баланди назариявӣ нишон диҳад. Алалхусус, аз он ҷиҳат, ки то ба ҳол таҳлилҳо аксаран хусусияти тавсифӣ доштаанд ва бурҳону далелҳои онҳо чандон асоси басанда надоштанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки муаллифи рисолаи мазкур фалсафа ва таълимоти Форобӣ ва Тусиро дар асоси мероси мантиқии онҳо бо усули гипотетикӣ-аксиоматикӣ баррасӣ намудааст. Мантиқ ва ҳамаи он чизе дар осори ин мутафаккирон бар он афзуда шудааст, дар исботи андешаҳои илмӣ, фалсафию каломӣ дар ҳадди васеъ истифода гардидааст, аз ҷиҳати дигар, аз тариқи талхис, таълим дар мантиқи Арасту, бар ганҷинаи дониши мантиқӣ тағйироти чашмгире ба амал

овարданд, ки метавон онро илми нав хонд. Масалан, Форобӣ доир ба мантиқ қариб 20-асар навиштааст, ки дар онҳо мантиқи Арастуро на танҳо шарҳу баён намудааст, балки онро муназзаму нав сохтааст. Муҳимтар аз ин, онҳо дар низоми фалсафии худ мантиқро меъёри улум қарор доданд. Форобӣ ва Тусӣ на фақат ҷанбаҳои назариявии мантиқро инкишоф додаанд, балки асоси равиши таҷрибавиро дар мантиқ гузоштанд, ки баъдтар И.Кант ин ҷиҳатро дар асарҳои худ асоснок карда, шеваи ҷадиди мантиқиро поягузорӣ намуд ва таърифе И.Кант ба мантиқ додааст, тақрибан ба таърифи Н.Тусӣ монандӣ дорад. Ба фикри ӯ мантиқ илме аст, ки дар тарзи ба кор бурдани дурустии ақл ва фаҳм мутобиқ бо мабодии бадеҳии ақл баҳс мекунад ва барои мантиқ чанд ҷиҳатро марбут медонад, яке он ки мантиқро дар шумури улуми меъёрӣ дармеоварад ва дигар, ба баҳси шаклу сурати фикр мепардозад. Ба ин ду ҷиҳат чунон, ки аз “Асос-ул-иқтибос” маълум мегардад, Тусӣ ҳам эътибори ҷиддӣ додааст. Пас, чунин ба назар мерасад, ки мантиқ равише аст, ки ғайри пешдоварона барои кашфи тозаи ҳақоиқи қавонин ва розҳои қонунмандии улуми мухталиф: риёзӣ, табиӣ ва инсонӣ, қавонину розҳои улум ба гунаи таҳлилӣ ва ба василаи рамузу алоиме ошкор месозад.

Ҳамчун мубрамии масъалаи диссертатсия ба мақоми ин ду мутафаккир дар мантиқ пайваст буда, муаллиф ба баёни он эътибори ҷиддӣ дода, дар ин асос ба ақидаҳо ва ба таълимоти дигари онҳо назар меандозад ва нишон медиҳад, ки маҳз ба шарофати таҳлили мантиқӣ мутафаккирони номбурда тавонистаанд моҳияти илму ақсоми онро муайян намоянд. Масалан, Абунасри Форобӣ қисмҳои гуногуни илмро аз рӯйи мазмуни мантиқии онҳо ба илмҳои ҳузурӣ, ҳусулӣ, феълӣ, тафсилӣ ҷудо кардааст, ки ин чиз дар пешгузаштагон, аз ҷумла, таълимоти юнониён ба назар намерасад. Дар ин ҷо кифоя аст, фақат як шарҳи тассавуру тасдиқро мисол биёрем: тасавури зеҳнӣ, тасавури

назарӣ, тасавури ҷомеъ ва ва ғайри ҷомеъ, тасавури мушахас ва мубҳам, тасавури ботинӣ ва мураккаб, тасавури зотӣ ва воқеӣ ва ғайраҳо. Арзиши илмии тасаввурро муйян карда, маъқули аввал ва маъқули сониро дорои арзиши илмӣ дониста, нишон медиҳанд, ки ҳар ду ҳақиқати мантиқиро боз менамоянд ва тасдиқро ба мисли Арасту аз мавзуъ, маҳмул ва робита иборат донистаанд. Муҳимтарин мубрамияти диссертатсия дар он аст, ки муаллифи он ба таври куллӣ талош кардааст, ки қимати истифодаи дастгоҳи мантиқиро дар асосноккунии ҳақиқатҳои илмӣ ба таври барҷаста нишон диҳад, яъне ӯ ба тавсифи афкори фалсафию илмии муттафаккирони зикршуда машғул нест, балки таҳлили илмию назариявии ақоиди илмию фалсафии онҳоро анҷом медиҳад ва ин қобили таваҷҷуҳ буда, равиши тоза дар баррасии осори гузаштагон мебошад. Аз ҷумла, ӯ хусусияти методологии фикри Форобию Тусиро дар он мебинад, ки муназзамӣ, муташаккилӣ ва ҳамбастагии тафаккури мантиқӣ ба тасаввуроти метафизикӣ, физикӣ ва иҷтимоӣ дар ақидаи Форобӣ ва Тусӣ мушоҳида мешавад. (С. 202)

Барои боз ҳам равшантар шудани қимати илмии назариёти ин ду муттафаккир ӯ илмро дар муқоиса бо ҷаҳл мавриди таҳлил қарор додаст, чуноне ки ин ду файласуф ҳам ин корро анҷом додаанд. Ба дурустӣ ӯ исбот кардааст, ки Форобӣ ва Тусӣ ҷаҳлро муқобили илм гузошта, онро низ ба унсурҳо тақсим карда, нотавонии онро дар муқобили илм нишон додаанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои рисолаи мазкур аз ҳар ҷиҳат асоснок шудааст, воқеиятҳои бозёфти муаллифро дар ин соҳа ифода мекунанд. Диссертант дар ҳақиқат ҳам нишон додааст, ки қудамои исломӣ, яъне файласуфони минтақаи ислом тафаккурро ба тарзи нав шарҳу маънидод кардаанд. Метавон гуфт, ки рисолаи

доктории Сулаймонов Б.С. аз ҷиҳати илмию методӣ кори нав буда, он бо усули нави таҳқиқотӣ навишта шудааст. Дар он масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки бори нахуст мавриди таҳқиқ қарор мегиранд ва паҳлуҳои то ин вақт ноаёну таҳқиқнашудаи осори фалсафии Форобию Тусиро дар бар мегиранд. Боз як бозёфти муҳимми ин кор дар он аст, ки раванди инкишофи фалсафа ва мантиқро аз Форобӣ то Тусӣ равшан сохтааст, яъне он нишон медиҳад, ки андешаҳои Тусӣ такрори гуфтаҳои Форобӣ нестанд. Ҳар чанд ки онҳо ба як мактаби фалсафӣ марбутанд, балки таълимоти Тусӣ зинаи нави рушди фалсафаи машшоъ мебошад. Ин раванди эволютсионӣ ба таври воқеӣ, бо овардани далелу бурҳонҳои басанда ифода шудааст. Муаллифи рисола дар назди худ вазифа гузоштааст, ки масъалаҳоеро таҳқиқ намояд, ки воқеан тавонанд мавзуи таҳқиқро пурра равшан созанд ва асосҳои назариявӣ методологии таҳқиқотро муайян кунанд. Аз ин ҷиҳат, рисолаи мазкур ҳам усулҳои назариявӣ ва ҳам амалии муассири таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Навгониҳои зикршуда аҳаммияти илмию амалии рисола, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Равиши назариявӣ-таҳлилӣ дар таҳқиқи пажуҳиши осори то ба ҳол таҳқиқнашудаи Форобию Тусӣ, аз ҷумла, осори мантиқии онҳо, масъалаи мақоми мантиқ дар фалсафа ва ҷаҳонбинии онҳо, таҳлили асосҳои мантиқии осори онҳо, махсусияти назарияи далеловарии онҳо, нишон додани раванди эволютсионӣ, ки фалсафа то замони Тусӣ ба он дучор шудааст, он масъалаҳои муҳимми фалсафа ва мантиқи асрҳои миёнаанд, ки дар рисола таҳқиқи ҳамаҷонибаи худро пайдо кардаанд. Шарҳу тафсири илмии масъалаҳои зикршуда муҳимтарин дастоварди илмии диссертант дар диссертатсия мебошанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо дар

диссертатсия ба пуррагӣ қобили қабуланд. Хулосаҳо ба мазмуни бобҳо мутобиқат дошта, аз раванди таҳлил мантиқан бармеоянд ва ҳамагӣ бо далелҳои мушаххас, истинодҳои боэътимод тақвият ёфтаанд.

Дуруст аст, ки тавсияҳо асоси натиҷаҳо маҳсуб мешаванд. Дар ин диссертатсия тавсияҳои пешниҳодшуда комилан хусусияти илмӣ-истинботӣ доранд. Муаллиф дар таҳқиқ ба хулосабарории назариявӣ ва амалӣ такя карда, самтҳои мушаххаси истифодаи натиҷаҳо ва эътимоднокии онҳоро ошкор карда тавонистааст. Дар ин замина, ӯ ба нақши категорияҳои мантиқӣ дар ташаккули тафаккури илмӣ пардохта, ба асоснокии кофии далоили диссертатсия таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд, ки ин метавонад барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаҳои мантиқ, маърифатшиносӣ, фалсафии илм ва масъалаҳои методологӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия ба ҳамаи талаботи таҳқиқи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, панҷ боб, сездаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 476 номгӯй ва ҳаҷми умумии диссертатсия 472 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шуда, равандҳои омӯзишу пажуҳиши илми мантиқ ва таъсири онро ба худшиносии миллӣ нишон дода шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи "Мантиқ ва нақши методологии он дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насриддини Тӯсӣ" кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муҳтавои асосии он дар шакли

умумӣ дар муқаддимаи диссертатсия тарҳрезӣ шудааст, инъикосгари матолиби мавриди баҳси рисола буда, аз лаёқати баланди илмии муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Боби аввали диссертатсия **“Заминаҳои назариявӣ методологии афкори мантиқию маърифатии Абунасри Форобӣ ва Насриддини Тусӣ”** ном дорад ва таҳлили ин заминаҳоро, ки иборат аз таъсири мантиқу ҳикмати Юнон, илму фарҳанги Эрони бостон, Ҳинд, Бобулу Шом иборатанд, мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллиф ба таҳлили илму фарҳанги Юнон, ки файласуфони зикршуда аз ҷумлаи пайравони Арасту ва мактаби ӯ ҳастанд, таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст. Муҳимтарин фикри муаллиф дар ин ҷо аз он иборат аст, ин ду муттафаккир на танҳо мантиқу фалсафаи Арастуро пайравӣ кардаанд, балки онро эҷодкорона бозсозӣ намудаанд. Зимни баёни заминаҳои назариявӣ муаллиф ду навъи муносибатро ба мероси гузаштагон, ки дар он замон ба вуқуъ пайваста буд, мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ба рушди илму ҳикмат дар давраи ҳукмронии Аббосиён эътибори ҷиддӣ дода шуда буд. Маҳз дар ҳамин давр тарҷумаи осори юнониён сурат гирифт, “Байт-ул-ҳикма” дар заминаи фарҳангистони “Гундишопур” ба вуҷуд омад ва фаъолият варзид. Фаъолияти васеи файласуфон, мутафакирону олимон дар тули чандин қарн ба рушду пешравии илм ва дигар соҳаҳои фарҳанг овард. Ин давраи “тиллоӣ”-и рушди фарҳанг дар олами ислом ба ҳисоб меравад.

Боби дуюм “**Шаклҳои асосии тафаккури мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ”** аз се зербоб иборат буда, бевосита ба шаклҳои асосии тафаккури мантиқии Форобӣ ва Насриддини Тусӣ бахшида шудааст. Ба фикри муаллиф ва ин дуруст ҳам аст, такони муҳимро дар рушди улуми назариявӣ паҳншавии мантиқи Арасту бозида, баъдан ин самт аз ҷониби Форобӣ ва Тусӣ дар

шакли хеле ташаккулёфта мавқеъ пайдо кардааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки мантиқ ҳар гуна андешаи илмиро равнақ мебахшад ва ин категорияҳои мантиқӣ –мафҳум, қазия, хулосабарорӣ ва исбот ҳамчун шаклҳои тафаккур метавонанд дар таккими муборизаҳои фикрӣ саҳм дошта, зеҳнро аз хато боз доранд. Муаллиф инчунин, нишон медиҳад, ки ин кӯшишҳо ба ҳадафҳои иҷтимоӣ низ равона шудаанд ва кӯшиш мекунад, ки бо истифода аз таҳқиқи дурусти шаклҳои тафаккур баррасиҳои худро таҳким бахшид.

Муаллиф қайд мекунад, ки Форобӣ ҳамчун асосгузори илми мантиқ дар Шарқи исломӣ кӯшиш кардааст, ки мантиқро ҳамчун воситаи муҳимми таҳлили ақлгароӣ ватаҳлили фалсафӣ қарор дода, мақоми онро дар байни улуми назариявӣ баланд бардорад. Ин талоши Форобиро Тусӣ даво дода, дар шакли густурда дар китоби "Асос-ул-иқтибос" онро ифода мекунад.

Бояд таъкид кард, ки новобаста аз вазъи иҷтимоии хеш мутафаккирон муборизаи худро бар зидди догматикҳо мебурданд ва чунонки дар диссертатсия оварда шудааст, равияҳои ақлгаро, хусусан Форобӣ ва Тусӣ ба таҳаввули таълимоти мантиқии асримиёнагӣ ва ташаккули равияҳои муҳофизакоронаи исломӣ таъсири назаррас расонидаанд. Муаллифи рисола ҳамчунин қайд мекунад, ки Форобӣ ва Тусӣ ҳамчун пешомадони мантиқ, ба таълимоти Арасту навгониҳо ва ибтикорот ворид намуда, ин равишро ривоҷ дода, онро ба равияи ташаккулдиҳандаи зеҳн табдил дода, ва ба ҳамин васила ба ташаккули илми мантиқи дар замонашон ва асрҳои минбаъда таъсири назаррас расонидаанд.

Боби сеюм "**Воситаҳои асосии инкишофи дониш дар мероси мантиқии Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ",** ки он ҳам аз се зербоб иборат аст, маҳз ба рушду инкишофи дониш ва густариши тафаккури мантиқӣ равона шудааст.

Муаллиф дар ин зербобҳои боби сеюм ба таври хоса ба таҳқиқи категорияҳои "қиёс" ва "бурҳон" дар таълимоти мутафаккирони зикршуда машғул шуда, нишон медиҳад, ки густариши тафаккури мантиқӣ тавассути ин категорияҳо ба рушди зеҳнии замон метавонанд таъсири мусбат дошта бошанд.

Дар боби сеюми кор, ки доир ба воситаҳои асосии дониш, истифодаи воситаҳои мантиқӣ дар илм, рушди ақлгароӣ сухан меравад, муаллиф кори азимро доир ба гирдоварӣ, тавсифу таҳлили воситаҳои дониш анҷом додаст. Ӯ ба масъалаҳои ҳамбастагии забону тафаккур , қиёси мантиқӣ ва мақоми он дар ташаккули фикри дуруст қиёс ва бурҳон эътибор дода, моҳияти онҳоро дар таълимоти ду муттафаккири номбурда нишон дода, мақоми мантиқ ва хусусияти илмию назариявии онро баррасӣ карда, нишон додааст, ки ин ду мутафаккир ҳамеша ақидаҳои Арастуро бознигарӣ намуда, онҳоро хеле инкишоф додаанд. Махсусан, қисмати забон, мавридҳои истифодаи қиёсу бурҳонҳо, шаклу мазмуни навъҳои гуногуни онҳо ба таври нав аз ҷониби мутафаккирони зикршуда баён шудаанд.

Умуман, ба андешаи муаллиф таҳқиқи таълимоти мантиқии Форобӣ ва Тусӣ, дар ин боб инъикосгари низоми универсалии тафаккур ва воситаи маърифат дониста шуда, дар ин ҷо забон ҳамчун воситаи густариши фикр ва интиқоли дониш таҳлили худро ёфтааст. Форобӣ бо таҳия ва таснифи илмҳо асосҳои забонӣ ва мантиқии фаҳмиши тафаккури дурустро дар осори мантиқиаш, хусусан, "Эҳсо-ул-улум" пешниҳод мекунад. Насируддини Тусӣ бошад ин равишро дар сатҳи методологӣ тавсеа бахшида, қонунҳои сода ва мураккаби мантиқиро ба забони тоҷикӣ-форсӣ тарҷума ва асоснок намуда, тавассути осори гаронбаҳои худ дар китоби "Асос-ул-иқтибос" такмил бахшидааст, ки бо таъкиди муаллиф ин гуна китоб дар ин самт то кунун таълиф нашуда будааст.

Аз равиши таҳқиқ ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар таълимоти мантиқии Форобӣ ва Насируддини Тусӣ қиёс ва бурҳон дар фикрронӣ ва шинохти илмӣ на танҳо воситаи асосии исбот, балки рукни бунёдии мантиқ ва маърифатшиносӣ ба шумор меравад. Муаллифи диссертатсия қайд кардааст, ки Форобӣ бурҳонро ҳамчун навъи қиёс медонад, ки тавассути муқаддимаҳои яқинӣ ба натиҷаи яқин мерасад. Аммо Насируддини Тусӣ бошад, бурҳонро бо ҳама ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он – аз бурҳони лимӣ то бурҳони innӣ ва истиқроӣ ба таври васеъ таҳлил намудааст. (С. 254)

Гуфтан мумкин аст, ки мероси илмии мутафаккирон, ки дар шакли хуби таҳлилӣ таҳқиқ шудааст, имрӯз ҳамчун заминаи боэътимоди таҳқиқоти фалсафӣ ва мантиқӣ аҳаммияти илмӣ ва амалии худро нигоҳ дошта, заминаи хубест, дар рушди афкори мантиқии замони муосир ва тарбияи солими зеҳни ҷавонон.

Боби чоруми рисола **"Ташаккули маърифати мантиқӣ дар таълимоти Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ"** дар се зербоб ба ташаккули таълимоти мантиқӣ Форобӣ ва Тусӣ бахшида шудааст. Дар он бештар дар бораи таносуби дониши ҳиссӣ ва ақлӣ ҳамчун зинаҳои гуногуни дониш, ба тафаккури ақлонӣ пайванд сохтани дониши ҳиссиро аз ҷониби Форобӣ ва Тусӣ ва низоми ягонаи маърифати сохтани ин ҳарду сухан меравад. Маҳз дар ҳамин қисмат баҳси Форобӣ дар бораи илм, илмӣ ҳузурӣ ва ҳусулӣ оварда шудааст. Муаллиф ба таснифоти илм аз ҷониби Форобӣ, ки машҳуртарин таснифот аст, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаст. Ҳамчунин, зимни тақсимот ба фалсафаи назариявӣ ва фалсфаи амалӣ, ки дар шумули улуми он давра, аз Арасту сар карда, идома доштааст, оварда шудааст.

Чунонки муаллиф қайд мекунад, таълимоти мантиқӣ ва маърифати ақлонӣ дар осори Форобӣ ва Тусӣ нишон медиҳад, ки мутафаккирон бо пешбурди мантиқ ба масъалаи шинохти маърифат ва

шеваҳои эҳсосу фаҳми ақлӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардаанд. Форобӣ, донишу маърифатро раванде медонад, ки тавассути ақл ба ҳақиқати ашё ноил мешавад.

Маърифати ақлонӣ аз диди мутафаккирон роҳи расидан ба саодат, адолат ва назми ҷамъиятӣ маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, осори Форобӣ ва Тусӣ заминаи хубе на танҳо барои пешрафти мантиқ ва фалсафа, балки ба ташаккули фарҳангу илм дониста мешавад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки омӯхтани таълимоти мантиқӣ-маърифатӣ имкон фароҳам меорад, ки пайвандҳои ногусастанӣ миёни шинохти ҳиссӣ, тафаккури мантиқӣ ва рушди консепсияҳои илмии навин дарк карда шавад ва ҳамвора ба рушди маърифати ақлонӣ падидаҳои навро зам намояд.

Боби панҷум “**Нақши мантиқ ҳамчун методологияи маърифати олам ва шинохти ҳақиқат дар осори Абунасри Форобӣ ва Насируддини Тусӣ”** доир ба нақши мантиқ ба сифати методологияи маърифати олам ва шинохти ҳақиқат баҳс мекунад. Муаллиф таъкид мекунад, ки шинохти ҳақиқат ҷузъи марказии нақши маърифатии ин ду мутафаккирро ташкил додаанд. Ҳақиқат ба назари онҳо танҳо мафҳуми фалсафӣ набуда, балки меъёри асосии санҷиши дониш ва мувофиқати андеша бо воқеият аст. Шинохти ҳақиқат дар назди Форобию Тусӣ ба истидлоли мантиқӣ ва бурҳон устувор аст, яъне бо тариқи дигар мантиқ намуди фаҳми ашё, раванду ҳодисаҳои олам, зикри ботини инсон мебошад. Ин андеша дар ин боб бо далелҳои равшану возеҳ бо овардани иқтибосҳо аз осори ин ду муттафакир исбот шудааст.

Дар ин боб исбот гардидааст, ки мантиқ дар афкори Форобӣ ва Тусӣ танҳо як фанни техникии истидлол нест, балки пояи асосии низоми маърифатӣ аст. Мутафаккирон мантиқро ҳамчун василаи шинохти ҳақиқат ва ташаккули низоми муназзами дониш донистаанд.

Онҳо бо таҳлили амиқи осори Арасту ва татбиқи мантиқ ба дигар соҳаҳои илм ва фалсафа, тавонистанд мантиқро ба унсури марказии маърифат табдил диҳанд. (С. 407)

Ба таври умумӣ мантиқ дар андешаи ин мутафаккирон на танҳо як илм, балки воситаи низоми маърифате аст, ки бо ахлоқ ва фалсафа ҳамоҳанг буда, барои шинохти инсон ва ҷомеа нақши меҳварӣ мебозад.

**Хулоса аз 12 банд иборат буда,** дар онҳо ҳадафу пешниҳодҳои муаллиф зикр шудаанд. Хулосаҳои муаллиф аз худи рисола баромада бо далелҳои илмӣ асоснок гардонида шудаaанд. Диссертацияи пешниҳодшуда дорои як қатор бартариятҳо ва муваффақиятҳо мебошад, ки аз сатҳи баланди илмии он дарак диҳад. Ба дурустӣ иетавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ-мантиқӣ барои мутахассисони соҳаҳои фалсафа ва мантиқ истифода шавад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи таҳияшуда дорои аҳаммияти илмӣ-амалӣ мебошад. Дар он ба масъалаи ташаккули тафаккури илмӣ-интиқодӣ ва нақши категорияҳои мантиқӣ-маърифатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия метавонанд дар таълим ва тадқиқотҳои минбаъдаи фалсафаи илм, мантиқ, маърифатшиносӣ ва фалсафа ва методологияи илм истифода шаванд. Аз ҷиҳати амалӣ ва иҷтимоӣ, кор ба болоравии худшиносии миллӣ ва рушди тафаккури мантиқӣ-маърифатӣ метавонад мусоидат кунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф, дар баробари таҳияи диссертатсия 27 мақолаи тақризшаванда ва 17 мақолаи дигар дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расонида, ҳамзамон, 2 монография, 2 китоби дарсӣ аз фанни мантиқ ва 4 воситаи таълмӣ, дар маҷмуъ 52 номгӯйи таълифотро

пешниҳод намудааст, ки ҳамагӣ пуркунандаи мазмуни диссертатсия мебошанд.

Хулоса, адади осори нашрии муаллифи диссертатсия ба ҳадди кофӣ буда, мазмуни рисоларо пурра мекушоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, диссертатсия мутобиқи талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ба расмият даровварда шуда, таҳия гардидааст.

**Автореферат**, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муҳтавои он ба пуррагӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мақсаду вазифаҳо ва навгонию хулосаҳои диссертатсияро ифода мекунад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Баъзе навгониҳои зикршуда дар рисола хусусияти декларативӣ доранд. Масалан, муаллиф менависад, ки “ муайян карда шуд, ки муҳити илмии фарҳангистони “Байт-ул-ҳикмат” дар ташаккули таълимоти мантиқӣ, маърифатию фалсафии мутафаккирони асримиёнагӣ, аз ҷумла Форобӣ ва Тусӣ нақши асосӣ бозидааст”. Ин нақш дар чӣ зоҳир мешавад маълум нест. Аз нигоҳи илмию ғоявӣ “Байт-ул-ҳикмат” мактаби илмӣ ва равияи хоси ғоявӣ ҳам нест. Пас. он чӣ тавр метавонад таъсир дошта бошад, исботи худро мехоҳад.

2. Баъзе навгониҳо норавшан ва аз нигоҳи услубӣ нодуруст баён шудаанд. Масалан “муайян гардид, ки таълимоти мантиқии ҳарду мутафаккир дар шакли муқоисаи фалсафӣ-мантиқӣ (чунин усули

таҳқиқ нест) таҳлил шуда, дар он мафҳум, қазия, хулосабарорӣ ҳамчун воситаҳои методологии маърифат нақши марказӣ доранд.

3. Баъзе ифодаҳои пой дар ҳаво ва нодуруст низ дучор мешаванд. Мисли "масъалагузории мантиқро дар Шарқ ба роҳ мондааст", ё "Заминаи таҳқиқи мантиқи муосирро". Ин муосир ба замони Форобӣ дахл дошта бошад ё ба замони ҳозира маълум нест. Ҳатто, баъзе ҳукмҳои беҷо ба сифати нуктаи муҳим пешниҳод шудааст, мисли " Мантиқ дар Шарқ на танҳо ба ворид кардани истилоҳот, балки дар асоси эҳёи ақлгароӣ ва озодии фикр ташаккул ёфтааст". Агар мантиқ ба Шарқ омада бошад, пас, бо истилоҳоташ ворид шудааст ва номаълум аст, ки муаллиф кадом ақлгароиро дар назар дорад ва он кай қатъ шудааст, ки дубора эҳё шудааст.

4. Дар зербоби аввал омадааст, ки ду навъи мафкураи исломӣ, ки яке манфиатҳои синфи ҳукмрону сарватмандро ҳимоя мекунад ва дигаре хусусияти ақлгароёнаву хирадмеҳварона дошта, ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро таблиғ ва ҳимоя мекард, вуҷуд дошт (С.40), Дар байни онҳо муборизаи шадид ҷараён дошт. Ақидаи мазкур хато буда, ҷиҳатҳои синфию маърифатии мафкураҳо бо ҳам махлут карда шудаанд. Шояд муаллиф мафкураи исломӣ ва мафкураи илмию ақлониро (яъне ратсионалистиро) дар назар дошта бошад. Иқтибосе барои исботи вуруди ин ду мафкура аз С.Н. Григорян овардааст, фақат дар бораи афкори мураттибони Қуръон аст. Албатта, ҷараёни ифротӣ аз исломӣ муътадил фарқ мекунад, вале ин ҳарду як мафкура, мафкураи динияти ва ифротгароёни исломӣ эгалитаризмро ба худашон бештар нисбат медиҳанд нисбат ба суннатгароён. Муборизаи байни ақлгароён ва суннатгароёнро дар ислом (аҳли ҳидис, аҳли салафи солеҳ)-ро ду навъи мафкура қаламдод намудан., чандон саҳеҳ нест. Дар ҳар сурат, агар муаллиф даъвои ду мафкураи ҷудогона будани онҳоро дошта бошад, бояд бо далелҳои кофӣ онро исбот мекард.

5. Мантиқ асоси замони тамаддуни бостонӣ мебошад, низ нодуруст аст. Асоси тамаддуни аҳли бостонро мазмун арзишҳои моддию маънавӣ, ки табиату инсон дар он муҳим буданд, ташкил мекунад.

Дар боби бахшида ба шаклҳои қиёс зарбҳоро муаллиф зикр кардааст, ки баъзе ин зарбҳо, хусусан зарбҳои ба шакли чаҳорум бахшида шуда, тавзеҳи дурусти худро пайдо накардаанд. Албатта, зарбҳои шакли чаҳорум мураккабанд, вале чун гузаштагон онҳоро истифода карда, воситаи маърифат қарор додаанд, бояд онҳо шарҳи равшантаре пайдо мекарданд. яъне фарқи онҳо аз дигар зарбҳо муайян мегардид.

6. Муаллиф баъзан хулосаҳои воҳимаангез аз таҳлили зарби шаклҳои қиёс мебарорад, ки ривоятро мемонад, ҳол он ки таҳлили мантиқӣ ба ҳеҷгуна ривоят ҷой боқӣ намегузорад. Масалан дар таҳлили зарбҳо муаллифи рисола менависад: “ҳамин таҳлили боэтимод ва сариваќти буд, ки дар сарзамини Шарқ на танҳо файласуфон, балки тамоми самтҳои ҷомеа ин равандро истифода намуда, зиндагии худро беҳбуд бахшиданд. Ҳамчунин мантиқшиносони муосири тоҷик низ ҳамин услубро ба кор бурда, дар ин самт фикри худро тақвият бахшидаанд. (Худойдодзода Ф.Б. Мантиқ.Душанбе, 2020. Ин китоб боз ду маллифи дигар дорад, ки онҳо бештар дар навиштани ин китоб саҳм доранд. Аз онҳо номе бурда нашудаст.)

**Эродҳо** ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро чандон коҳиш намедиҳанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд. Баръакс, ин камбудиҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, барои анҷоми таҳқиқоти оянда мусоидат карда, муҳтавои таҳқиқоти мазкурро арзишманд созанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович дар мавзуи “Мантиқ ва нақши методологии он дар талимоти Абунасри Форобӣ ва Нассриддини Тусӣ” аз руйи ихтисоси 6.3.2. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ омода шудааст ва ба талаботи бандҳои 31,33,34, ва 35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.21, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, профессори**
**кафедраи онтология ва назарияи**
**маърифати факултети фалсафаи**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** Аҳмадов С.
_03_ _марти_ соли 2026

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, н. Сино,
кӯчаи Яккачинор, бинои 144/4, ҳуҷраи 18
Тел.: (+992) 907821836

**Имзои профессор С.Аҳмадовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шодихонзода Э.Ш.**

Суроғаи муассиса: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
х. Рӯдакӣ,17, tgnu@mail.ru. Тел: +9922217711
_04_ _марти_ соли 2026.